ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоева З. Х. ба диссертатсия ва автореферати Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Диссертацияи Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба яке аз проблемаҳои мубрами педагогика - омӯзиши забонҳои хориҷӣ - проблемаи рушди фаъолии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим бахшида шудааст. Ба сифати асоси методологии таҳқиқот назарияи маърифати фалсафи, қазияҳои психологию педагогӣ оид ба фаъолии маърифатӣ, ягонагии рушди шахсият ва муҳит, шахсият ва фаъолият нишон дода шудааст. Он инчунин, бо назарияҳои педагогика, психология, мантиқ, методикаи хусусии назария ва методикаи таълими фан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф, Консепсияи мактаби миллӣ ва Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ асос ёфтааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки усулҳои методӣ, тадбирҳои таъсиррасонӣ ва ҳамчунин шаклҳои маҳсули корҳои фориг аз дарсу роҳҳои гузаронидани онҳо таҳия ва танзим шудаанд, ки ба омӯзгорон имконият фароҳам меоваранд, то онҳо кори оид ба инкишоф додани фаъолии маърифатии шогирдонро бехтар намоянд, муносибати эҷодкории худро ҳангоми ҳалли ин мушкилот такомул диҳанд, ҳисси дарки хонандагонро бедор карда, ононро дар раванди таълим фаъол гардонанд ва сатҳи маърифатиашонро баланд бардоранд.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна инчунин аз таҳлили бисёрпаҳлуи коркардҳои мавҷудаи илмӣ маълум мешавад, ки сарфи назар аз аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалии корҳои мавҷуда

проблемаи рушди фаъолии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҶТ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Диссертант вобаста ба мубрамӣ ва саривақтии проблемаи таҳқиқшаванда мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро тавҷеҳ намуда, объект, предмет ва фарзияи рисолаи илмиро муқаррар намудааст. Тавҷеҳи навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсия мутобиқи методологияи муосири илмӣ ва низомномаи принсипиалии илми педагогика таҳия гардидааст. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант дорои аҳамияти муфиди илмӣ ва амалӣ буда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ бо муваффақият татбиқ мегардад.

Рисолаи диссертатсионӣ дар асоси таҳлили амиқи адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот мустақилона иҷро гардидааст. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он таъмин карда мешавад, ки муаллиф саъю кӯшиш намудааст, ки модели ташаккули инкишофи фаъолии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро аз ҷиҳати назариявӣ коркард намуда, онро дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ дар озмоиш бисанҷад.

Муаллифи рисола дастовардҳои маъруф ва андешаҳои илмии дигар муҳаққиконро доир ба масъалаҳои ташаккули рушди фаъолии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим таҳлил намудааст. Низоми илмӣ-методии коркардшуда метавонад дар шароити воқеии раванди педагогӣ ба сифати коркард оид ба ташаккули фаъолии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим дар шароити муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода бурда шавад.

Далелнокии натиҷаҳои пешкашнамуда мутобиқи маълумотҳои таълими озмоишӣ ва хулосаҳои илмӣ ба асос гирифта шудаанд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси муаллифи диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофикат мекунанд.

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 8 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимодноки ва асосноки натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии рушди фаъолноки маърифатии хонандагони хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ" ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ -
доктори илмҳо педагогӣ,
профессор Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна

Имзои профессор Сайфуллаева З. Х. тасдиқ карда мешавад:
Мудири РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода М.
12.09.2023 с.